АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШИ

аз «25» июни соли 2024, №152 аз «25» июни соли 2024, №753

шаҳри Душанбе

## Дар бораи Қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ

Бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ», мувофиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»,

ф а р м о и ш м е д и ҳ е м:

1. Қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Роҳбарони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ иҷрои талаботи Қоидаҳои мазкурро таъмин карда, якҷоя бо мақомоти дахлдори молия барои ташкили омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар сметаи ягонаи даромад ва хароҷот ва сарчашмаҳои дигар, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, ҳамасола маблағҳои заруриро пешбинӣ намоянд.

3.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

Директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
_______________ Давлатов Ҷ.М.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
_______________ Саидзода Р.Ҳ.

Замима
ба фармоиши якҷояи
Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
«25» июни соли 2024, №152 ва
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
«25» июни соли 2024, №753

# Қоидаҳо
## оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Қоидаҳо оид ба муайян намудани сатҳи донистани забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ё забонҳои дигар)-и кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ (минбаъд-Қоидаҳо) бо мақсади татбиқи сархати дуюми банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» таҳия гардида, тартиби муайян намудани сатҳи донистан ва ташкили омӯзиши забонҳои хориҷиро муқаррар менамояд.

2. Амали Қоидаҳои мазкур нисбат ба кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ (минбаъд-кормандон) татбиқ карда мешавад.

3.Натиҷаи сатҳи забондонии кормандон ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб, болоравии мансабӣ, баргузории баҳодиҳии фаъолият, аттестатсияи кормандон, ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунанда, ворид намудан ба рӯйхати захираи кадрҳо ба инобат гирифта мешавад.

### 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО

4.Мақсади Қоидаҳои мазкур аз инҳо иборатанд:

-баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва таъмини муоширати озод бо забонҳои хориҷӣ дар фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматии кормандон;

-фаъолияти дурусти ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми истифодаи забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ.

5.Вазифаҳои Қоидаҳои мазкур аз инҳо иборатанд:

-муайян намудани сатҳи забондонии кормандон ва давраҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои кормандон;

-фароҳам намудани заминаҳои моддӣ-техникӣ, методӣ ва ташкили омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои кормандон;

-ташкили омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва фаро гирифтани кормандон ба омӯзишии забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ;

-муайян кардани эҳтиёҷоти кормандон ба курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар фаъолияти минбаъда;

-супоридани санҷиш (тест) аз натиҷаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ;

-гузаронидани санҷиши ҳолати забономӯзӣ дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ.

## 3. МЕЪЁРҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ САТҲИ ДОНИСТАНИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

6. Барои кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ омӯзиш ва донистани забонҳои русӣ, англисӣ ё забонҳои дигар (минбаъд-забонҳои хориҷӣ) ҳатмӣ мебошад.

7.Сатҳи донистан, муошибати касбӣ, суҳбати озоди кормандон ва пешбурди коргузорӣ бо забонҳои хориҷӣ мувофиқи дараҷаҳои A (ибтидоӣ), B (мустақилона), C (озодона) тибқи сатҳҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ки дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ гардидаанд, муайян карда мешавад.

8. Сатҳҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз инҳо иборатанд:

-сатҳи A1 (оғоз) - малакаҳои муошират, аз ҷумла донистан ва истифодаи ибораҳои ҳаррӯзаи маъмул, хондан ва фаҳмиши матнҳои кӯтоҳ, возеҳ баён намудани фикр, ташкил кардани саволу ҷавобҳои оддӣ бидуни шаклҳои мураккаби грамматикӣ ва нутқ, истифодаи луғат, истифодаи ибораҳои соҳавӣ, дарки то 1500 калима дар баёни нутқ;

-сатҳи A2 (аз миёна пасттар) - суҳбат бо мавзуъҳои оддӣ (дар бораи худ, оила, кор, таҳсил, дӯстон ва ғайраҳо) истифода ва фаҳмиши муколамаи оддӣ, навиштани матнҳои кутоҳ (эссе)-и дорои 10 то 15 ҷумла бо истифодаи калимаҳои навомӯхташуда, донистани ҷонишинҳо, феълҳои оддӣ, дуруст, нодуруст ва омехта ҳангоми муошират, истифодаи ибораҳои соҳавӣ, хондан ва дарки 1500 - 2000 калима дар баёни нутқ;

-сатҳи B1 (миёна) - баён намудани андешаҳо, фикру ақидаи худ оид ба мавзуъҳои гуногуну мураккаб, пайи ҳам идома додани суҳбат, муҳокима намудани вазъият ва рӯйдодҳои ҳаррӯза, тамошо ва дарк намудани мазмуни филмҳо бидуни тарҷума, хондан ва дарк кардани дастурҳо, мактубҳо ё навиштани эссе, истифодаи асосҳои имлои забон (замонҳои феъл - гузашта, ҳозира, оянда ваояндаи давомдор) ҳангоми муошират, истифодаи ибораҳо дар рафти муколама, дарки ибораҳои соҳавӣ, дарки 2000-3000 калима дар баёни нутқ;

-сатҳи B2 (аз миёна болотар) - тартиб додани ҷумлаҳои мураккаб, идомаи дарк, фаҳмиш ва суҳбат оид ба мавзуъҳои вобаста ба фаъолияти касбии худ, бе мушкилӣ суҳбат кардан ё баён намудани фикр оид ба мавзуъҳои гуногун, қобилияти фаҳмидани барномаҳои гуногуни телевизионӣ, хондан ва дарки рӯзномаҳо ва маҷалаҳо, навиштани мактуб, гузориш ё эссе, истифодаи ибораҳои соҳавӣ, дарки 3000-4000 калима дар баёни нутқ;

-сатҳи C1 (пешрафта) - ба ҳайси омӯзгор таълим додани забон дар дохил ва хориҷи кишвар, истифодаи сохторҳои мураккаби имлоӣ, муоширати озод доир ба ҳама гуна мавзуъҳо, озодона ифода намудани фикр, дарки дуруст ва фаҳмиши осони филмҳо, сурудҳо, навиштани матнҳои фарогир ва калонҳаҷм, истифодаи мукаммали ибораҳои соҳавӣ, мукотиба ва иштироки фаъол дар баррасии мавзуъҳои мухталиф бо истифодаи 4000-6000 калима дар баёни нутқ;

-сатҳи C2 (мукаммал) - донистани озоди забон, фаъолият намудан ба ҳайси тарҷумони касбӣ, гуш кардан, хондан ва фаҳмидани ҳама гуна маълумоти фаврӣ, ба осонӣ ҷамъбаст намудани маълумоти омӯхташуда, баён намудани таклифу пешниҳодҳои шахсӣ, иштирок дар саволу ҷавобҳои ҳама гуна мавзуъҳо, дарк намудани тобишҳои гуногуни ибораҳои якхела, истифодаи ибораҳои ҳама соҳаҳо, дарк ва фаҳмиши беш аз 6000 калима дар баёни нутқ.

## 4. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

9. Сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандон дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ бо ҷалби мутахассисони касбӣ бо тартиби гирифтани тестҳои дахлдор муайян карда мешавад.

10.Курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар асоси натиҷаи сатҳи забондонии кормандон аз ҷониби мутахассисони касбӣ бо фармоиши (қарори, амри) роҳбари мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ ташкил карда мешаванд.

11.Роҳбарони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ уҳдадоранд курсҳои омӯзиширо бе танаффус аз рӯи сатҳҳои A1 (оғоз), A2 (аз миёна пасттар), B1 (миёна), B2 (аз миёна болотар)-ро, ки дар боби 3 Қоидаи мазкур пешбинӣ шудаанд, дар марҳилаи аввал то мӯҳлати якуним сол (семоҳа, шашмоҳа) ва ҳамасола бо ҳамин тартиб баргузор намоянд.

12.Ба курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба сифати омӯзгор мутахассисони касбӣ аз муассисаҳои таълимӣ, марказҳои таълимии омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва дигар муассисаҳои дахлдор ё мутахассисони касбии алоҳида ҷалб карда мешаванд.

13.Бо муассисаҳои таълимӣ, марказҳои таълимии омӯзиши забонҳои хориҷӣ, дигар муассисаҳои дахлдор ё мутахассисони касбии алоҳида тибқи тартиби муқарраргардида барои ташкили курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ шартнома баста мешавад.

14.Курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар асоси барномаҳои ягонаи таълимӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм тасдиқ карда шудаанд, баргузор карда мешаванд.

15. Хароҷоти курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ ва сарчашмаҳои дигар, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

16.Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ бо мақсади ташкили омӯзиши забонҳои хориҷӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

-барои муайян намудани сатҳи забондонии кормандон мутахассисони касбиро ҷалб менамояд;

-лоиҳаи фармоиши (қарори, амри) дахлдори роҳбари мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатиро дар бораи ташкили курсҳои омӯзишӣ омода менамояд;

-ба ташкилу баргузории курсҳои омӯзишӣ, таъмини иштироки кормандон мусоидат менамояд;

-рафти иштироки кормандонро дар курсҳои омӯзишӣ назорат карда, ба роҳбари мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ маълумот пешниҳод менамояд;

-маълумотнома аз натиҷаи санҷиш (тест)-ро ба парвандаи шахсии корманд ҳамроҳ менамояд;

-ҳар семоҳа оид ба натиҷаи ташкил ва баргузории курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ барои пешниҳод ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ гузориш таҳия менамояд.

17.Дар курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ гурӯҳҳо дар ҳайати то 15 нафар ташкил карда мешаванд.

18.Кормандон аз натиҷаи хатми курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ мувофиқи сатҳҳои дар Қоидаҳои мазкур пешбинишуда ва ҷамъбасти ниҳоӣ санҷиши (тести) хаттӣ супорида, сатҳи забондонии онҳо муайян карда шуда, оид ба хатми ҳар як сатҳ ва ҷамъбасти ниҳоӣ ҳуҷҷати тасдиқкунанда дода мешавад. Аз ҷониби комиссия оид ба назорати омӯзиши забонҳои хориҷӣ мумкин аст дигар шакли санҷиш муқаррар карда шавад.

19.Тартиби ташкили санҷиши (тести) ниҳоӣ, муайян намудани замон ва макони баргузории он аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ муайян карда мешавад.

20.Шакли ягонаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи донистани забонҳои хориҷӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм муайян карда мешавад.

## 5. ТАЪСИСИ КОМИССИЯ ОИД БА НАЗОРАТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

21.Бо мақсади назорати ҳолати татбиқи Қоидаҳои мазкур ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ бо фармоиши якҷояи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раис, муовини раис, котиб ва аъзо иборат аз 9 нафар комиссия оид ба назорати омӯзиши забонҳои хориҷӣ (минбаъд-комиссия) таъсис дода мешавад.

22.Ба ҳайати комиссия намояндагони Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шомил карда мешаванд.

23.Ба кори комиссия мутахассисон ва коршиносони вазорату идораҳои дахлдор тибқи тартиби муқарраргардида ҷалб карда мешаванд.

24.Вазифаҳои комиссия аз инҳо иборат аст:

-ташкили фаъолияти комиссия;

-таъмини назорати ҳолати ташкили курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ҷалби омӯзгорон ва ҷудо намудани воситаҳои зарурӣ барои таълими забонҳои хориҷӣ;

-назорати доимии ҳолати омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ;

-ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилоти давлатӣ ҷиҳати ташкил ва ба роҳ мондани курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва мусоидат ба фаъолияти онҳо;

-баррасӣ намудан ва бартараф кардани ҳолатҳои риоя нашудани талаботи муқарраршуда оид ба ташкил ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ;

-ташкили гурӯҳҳои корӣ ва санҷиши иҷрои талаботи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ташкил ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилоти давлатӣ;

-пешниҳоди таклиф оид ба боздоштан ва аз нав ташкил намудани фаъолияти таълимӣ дар мавриди ҷалб нагардидани мутахассисони босалоҳият, мавҷуд набудани барномаҳои таълимӣ, шароити таҳсил ва нодуруст муайян шудани сатҳи донистани забонҳои хориҷӣ, аз худ накардани барномаи таълимӣ, иштироки нопурраи шунавандагон, вайрон шудани тартиби баргузории санҷиш;

-ташкил ва баргузории чорабиниҳои омӯзишӣ, фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботии омӯзиши забонҳои хориҷӣ;

-омода кардани ҳисобот аз рафти иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ»;

-иҷрои дигар вазифаҳо вобаста ба ташкил ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар доираи ваколатҳои муқарраргардида.

25.Раиси комиссия кори комиссияро ташкил мекунад ва барои иҷрои вазифаҳои ба ӯҳдадошта шахсан масъул мебошад. Дар ҳолати набудани раиси комиссия иҷрои ӯҳдадориҳои ӯ ба муовини раиси комиссия ё яке аз аъзои комиссия супорида мешавад.

26.Ҷаласаҳои комиссия дар ҳолатҳои зарурӣ ва тибқи нақшаҳои корӣ гузаронида шуда, қарорҳои он дар шакли протокол ба расмият дароварда мешавад.

27.Қарори комиссия бо овози аксарият, дар ҳолати иштироки аз нисф

зиёди аъзои он қабул карда мешавад. Дар ҷаласаҳои комиссия роҳбарияти Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати маориф ва илм ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

28.Уҳдадориҳои раиси комиссия, муовини раиси комиссия, котиб ва аъзои комиссия дар тақсимоти вазифаҳои комиссия мушаххас гардида, бо қарори комиссия тасдиқ карда мешавад.

29.Комиссия шахси ҳуқуқӣ набуда, ба Агентии хизмати давлатӣ ва Вазорати маориф ва илм вобаста ба масъалаҳои дахлдори омӯзиши забони хориҷӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 6. УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОН ВОБАСТА БА ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

30.Кормандон вобаста ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ уҳдадоранд:

-дар курсҳои омӯзишии забонҳои хориҷӣ иштирок намоянд;

-забонҳои хориҷиро дар муҳлатҳои муқарраргардида аз худ намоянд:

-аз натиҷаи хатми курси омӯзиши забонҳои хориҷӣ санҷиш (тест) супорида, маълумотнома оид ба сатҳи забондониро ба хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ пешниҳод намоянд.

31.Нисбати кормандоне, ки бе сабабҳои узрнок дар курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ иштирок накардаанд, забонҳои хориҷиро аз худ накарданду ва санҷиши (тести) ниҳоиро насупоридаанд, бо риояи талаботи банди 3 Қоидаҳои мазкур чораандешӣ карда мешавад.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

32.Роҳбарони аввали мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ барои ташкил, баргузорӣ ва назорати омӯзиши забонҳои хориҷии кормандон масъул мебошанд.

33. Ташкили омӯзиш ва назорати сатҳи донистани забонҳои хориҷии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳарбӣ ва ташкилотҳои давлатӣ мутаносибан аз ҷониби роҳбари аввали ҳамин мақомотҳо ва ташкилотҳо анҷом дода мешавад.

34.Кормандон метавонанд пеш аз муҳлатҳои муқаррарнамудаи банди 1 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» дар марказҳои дахлдори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм бо супоридани санҷиш (тест) маълумотнома оид ба донистани забонҳои хориҷиро дастрас намоянд.

35. Баҳсҳои вобаста ба масъалаи сатҳи донистани забонҳои хориҷӣ аз тарафи роҳбари мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ, маориф ва илм ва комиссия баррасӣ карда мешавад.

36.Аз ҷамъбасти курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва оид ба муайян намудани сатҳи забондонии кормандони мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳои давлатӣ, Агентии хизмати давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти солона пешниҳод менамояд.